«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
профессор ____________ Давлатзода С.Х.
«__» ___03___ 2023 с.

**НУСХА**

**аз суратмаҷлиси ҷаласаи ғайринавбатии Шурои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз**

«_29_»___03___2023 тахти №_08_

**Раиси ҷаласа:** декани факултети молиявию иқтисодӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳимов Пайрав Сафаралиевич.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарипов Иломжон Орифович.

**Иштирок доштанд**: н.и.и., дотсент Раҳимов П.С., н.и.и., дотсент Шарипов И.О., н.и.и., дотсент Холназаров М.Ҳ., н.и.и., дотсент Баротзода Ш.М. н.и.и., дотсент Бақоев Ш.С., н.и.и., дотсент Гулов Қ.М., н.и.и., дотсент Нурализода Н., н.и.и., дотсент Джайлоев З.М., н.и.и., дотсент Шодиев Б.С., н.и.и., дотсент Мирзозода М., доктори (PhD) Султонзода И.М. ва дигар омӯзгорон: Раҳимов Ш., Барфаков Р., Эрматов М., Кабиров Ш., Абдулоева Н., Каримов Ш., Гулов Б.М., Қодиров Р., Расулова Д., Худоёрова У., Шамсов Ҷ., Фозилова М.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Муҳокимаи экспертизаи даври дуюми кори диссертатсионии Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсия дар кафедраи молияи муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расонида шудааст.

Экспертизаи даври якумро диссертатсия дар кафедраи молия аз санаи «_29_»___10___2022 тахти №_03_ гузашта, баъдан ба экпертизаи даври дуюм пешниҳод гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Назирӣ Гулбаҳор Назир – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Баротзода Шарифхон Маҳмадхон** – номзади илмҳои иқтисодӣ, директори филиали донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар шаҳри Леваканти Вилояти Хатлон (тақриз пешниҳод шудааст).

**2. Бақоев Шодмонҷон Сулаймонҷонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ (тақриз пешниҳод шудааст).

**Шунида шуд:** Баромади унвонҷӯи кафедраи молияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи: «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» шунида шуда, оид ба масъалаи мазкур саволҳо ба унвонҷӯ аз ҷониби аъзоёни Шурои олимони факултет н.и.и., дотсент Холназаров М.Ҳ., н.и.и., дотсент Бақоев Ш.С., н.и.и., дотсент Шодиев Б.С., н.и.и., дотсент Нурализода Н., н.и.и., дотсент Джайлоев З.М. ва ғайра дода шуда, ба саволҳои онҳо Султонов Мусулмон Субҳонович ҷавобҳои мушаххас доданд.

**Баромад карданд:** Роҳбари илмии унвонҷӯ – д.и.и., профессор Назирӣ Гулбаҳор Назир қайд намуданд, ки суғуртакунонии хавфу хатар дар бонкҳои мо хело кам ба назар мерасад, аз ҳамин хотир унвонҷӯ таваҷҷуҳи худро ба ин соҳа равона намудааст, ки бояд бонкҳои мо бо ширкатҳои суғуртавӣ ҳамкории судманд дошта бошанд. Ба ҳама маълум аст, ки ширкатҳои суғуртавӣ кӯшиш менамоянд, муштариёни худро аз тамоми хатарҳо эмин нигоҳ доранд. Дар бораи муҳтавои мавзуъ дар ин ҷо худи муаллиф маълумот дод ва муқарризони расмӣ оид ба ҷиҳатҳои арзишманди илмӣ ва таҳқиқотии рисола гап мезананд, ман мехостам, ки дар бораи мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст, теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда, саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ маълумот пешниҳод намоям. Хулоса, Султонов М.С. бо фаъолияти омузгорӣ ва ҳам илмии хеш тавонист, ки дорои хислатҳои таҳқиқотчигӣ, олимӣ гардад. Фикр мекунам, ки ӯ аллакай ба сатҳи муҳаққиқӣ омода шудааст, бинобар ин, бо боварии комил метавон гуфт, ки рисолаи ӯ барои пешниҳод намудан ба зинаҳои навбатӣ қобили дастгирӣ мебошад.

**Сипас муқарризони холис баромад кардан:**

**Баротзода Шарифхон Маҳмадхон** муқарризи расмии якум, номзади илмҳои иқтисодӣ, директори филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ

ва соҳибкории Тоҷикистон дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон қайд карданд, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқоти илмӣ аз асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи бартараф намудани хавфҳои бонкӣ тариқи суғуртакунӣ хеле хуб истифода намудааст. Қайд кардан зарур аст, ки рисола сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ гардиданд, инчунин хулосаю пешниҳодҳои муаллиф илман асосноканд. Ҳамаи эрод ва пешниҳодҳо дар тақриз ба таври амиқ оварда шудаанд.

**Бақоев Шодмонҷон Сулаймонҷонович** - муқарризи расмии дуюм, номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ, қайд намуд, ки мавзуи диссертатсия бисёр муҳим ва рӯзмара барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро пас аз ислоҳи камбудиҳо барои муҳокимаи оянда тавсия додан мумкин аст.

**Муҳокима**: Дар муҳокима н.и.и., дотсент Шодиев Б.С., н.и.и., дотсент Нурализода Н., н.и.и., дотсент Холназаров М.Ҳ баромад намуда, қайд карданд, ки мавзуи илмии баррасинамудаи унвонҷӯи кафедраи молияи ДДБ ба номи Носири Хусрав Султонов Мусулмон Субҳонович ба талаботҳои шароити муосир ва дурнамои инкишофи он ҷавобгӯ буда, мавзуи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ, диссертатсия дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, гардиши пул ва қарз пешниҳод шудааст, ба талабот ҷавобгӯ буда, ба зинаҳои минбаъдаи ҳимоя тавсия карда мешавад.

Ҳамагӣ дар маҷлиси факултет 23 нафар иштирок доранд, ки 10 нафари онҳо омӯзгорони дараҷаи илмидошта мебошанд. Оид ба оғози кори маҷлиси Шурои олимони факултет, ягон нафар пешниҳод дорад? Пешниҳод шуд, ки кори маҷлис оғоз карда шавад. Кӣ тарафдори он аст, ки кори маҷлиси Шурои олимони факултет оғоз карда шавад? Хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Зид? Нест. Бетараф? Нест. Бо як овоз қабул карда шуд.

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Ба Султонов Мусулмон Субҳонович дар бораи дуруст ба расмият дароварда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз иҷозат дода шавад.

Кӣ тарафдори қарори якҷояи ҷаласаи Шурои олимони факултет мебошад, хоҳиш менамоям овоз диҳад. Тарафдор - 23, муқобил - нест, бетараф - нест. Бо як овоз қабул шуд.

Дар натиҷаи овоздиҳии қарори Шурои олимони факултет аз «29»___03___ 2023 таҳти № 08 қабул гардид.

Бо ҳамин ҷаласаи Шурои олимони факултетро пушида гуфта, эълон менамоям. Ташаккур ба ҳама, барои иштироки фаъолона дар ҷаласаи Шурои олимони факултет.

**Раиси ҷаласа,** декани факултети молиявию иқтисодӣ номзади илмҳои иқтисодӣ — Раҳимов П.С.

**Котиби илмӣ,** номзади илмҳои иқтисодӣ — Шарипов И.О.

**Муқарризони холис:**

Директори филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории дар шаҳри Левакант вилояти Хатлон номзади илмҳои иқтисодӣ — Баротзода Ш.М.

Декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ — Бақоев Ш.С.

Имзои Раҳимов П.С., Шарипов И.О., Баротзода Ш.М. ва Бақоев Ш.С.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Н. Хусрав — Шукурзод Ҷ.А.

«31»___03___ 2023